**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
________ д.и.т. Ғаффорӣ Н.У.
«11» 06 соли 2019

## ХУЛОСАИ
## ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсия дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи синтаксисӣ дар ҷумлаҳои мраккаби забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)аз тарафи Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба анҷом расидааст.

Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ баъди хатми муваффақиятноки курси магистратурӣ ба шуъбаи докторантураи назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ пазируфта шуда, онро соли 2018 хатм намудааст ва ҳоло ҳамчун ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолият дорад.

Роҳбари илмӣ – Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович, доктори илмҳои филология, профессор, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ мебошад.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, аз 26. 02. 2016, қарори №3/66 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ шуд:**

Муҳиммияти мавзӯъ, пеш аз ҳама, ба он асос меёбад, ки таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то имрӯз аз нигоҳи илмӣ, хусусан аз нуқтаи назари муқоисавӣ мавриди ҷамъоварӣ ва таҳлили илмӣ қарор нагирифтаанд. Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, пеш аз ҳама, ба ҳамин зарурат алоқаманд мебошад. Ба ин маънӣ, омӯзиш ва таҳқиқи воситаҳои алоқа дар мисоли таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аҳамияти муҳими илмию амалӣ дорад.

Диссертатсия дар доираи нақшаи илмии кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ таҳия гардида, натиҷаҳои тадқиқот дар маҷаллаҳоие, ки ба КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР мансубанд, интишор гардидаанд. Масъалаҳое, ки диссертант дар диссертатсия баррасӣ менамояд, ҳамчунин бо нақшаи илмии забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ҳамоҳанг мебошад.

**Мақсади ва вазифаҳои таҳқиқот**. Мақсади асосии таҳқиқот пеш аз ҳама омӯзиш ва нишон додани хусусиятҳо монандӣ ва тафовути воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи сохтору маъни ва тобишҳои маъноии онҳо дар асоси маводи асарҳои бадеӣ ба забонҳои тоҷикиву англисӣ таълифёфта мебошад.

Барои амалӣ сохтани мақсади асосии таҳқиқ **вазифаҳои** зерин дар давоми таҳқиқ иҷро шудаанд:

- таҳлили афкори олимону забоншиносон роҷеъ ба воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

- муайян намудани воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои муқоисашаванда;
- таҳқиқи умумиятҳо ва тафовутҳои байни воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- мушаххас намудани умумият ва тафовути воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва ангисӣ;
- муайян ва муқоиса намудани воситаҳои алоқаи наҳвӣ тавассути пайвандакҳо ва пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

Ҳамчунин аз осори илмӣ-назариявӣ аз таҳқиқотҳои ҳам олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ истифода шудааст, ки муҳимтарини онҳо тадқиқотҳои олимон, донишмандон ва забоншиносони рус Е.Э.Бертелс, А.А.Фрейман, А.Н.Болдирев, В.С.Соколова, В.С.Расторгуриева, В.Г.Адмони, В.В.Виноградов, И.И.Мешанинов, М.А.Пешковский, А.А.Шахматов, Н.Ю.Шведова В.А.Белошапкова, В.А.Богородитский., Н.К.Дмитриев., Н.С.Поспелов., А.Б.Шапиро Л.Л. Иофик, А.Ф. Кулагин, Е.В. Макаренко, Ҳ.Суит, Л.Блумфилд, О.Есперсон, Б.А. Ильиш, А.Крузин, В.Граф, А.Кеннедӣ ё англисшиносони собиқ шуравӣ А.И.Смирнитский, Н.Д.Арутюнова, В.П.Белянин, А.М.Пешковский, Е.Н.Ширяев аз забоншиносони тоҷик Н.Маъсумӣ, Л.Бузургзода, Б.Ниёзмуҳаммадов, Д.Тоҷиев, Ш.Рустамов, М.Исматуллоев, Б.Камолиддинов, Ф. Зикриёев, С.Атабуллоев, М.Н.Қосимова ва дигаронро дар бар мегиранд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки воситаҳои алоқаи наҳвӣ бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар забоншиносии муқоисавӣ назарияи воситаҳои воситаҳои алоқаи наҳвии дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, инчунин ҷанбаҳои луғавӣ ва маъноии онҳо мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор мегиранд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот**. Омӯзиш ва таҳқиқи муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳаллу фасли ду

вазифаи асосиро дар назар дорад: 1. Муайянсозии номувофиқатӣ, гуногунӣ ва мавридҳои фарққунанда дар низоми забонҳои қиёсшаванда; мушаххас намудани он ки кадом хусусият ба як забони муқоисашаванда хос аст ва кадом махсусиятҳо наметавонанд ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи онҳо дар низоми забони дигар ошкор карда шаванд; 2. Муайян намудани шабоҳат, мувофиқат ва монандӣ дар низоми муқобили якдигар гузошташавандаи забонҳои мазкур ҷиҳати мушаххас намудани умумиятҳои типологии забонӣ.

**Моҳияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир меёбад, ки хулоса ва мавoди он метавонанд ҳангоми таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар; ҳангоми таҳия ва таълифи грамматикаи амалии забонҳои муқоисашаванда ва дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ ва инчунин ҳангоми ташкили курсҳои амалии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода шаванд.

Аз лиҳози амалӣ диссертатсияи мазкур барои дарёфти маълумоти мушаххас ҳангоми омӯзиши шаклҳо, маъно ва роҳҳои истифодабарии воситаҳои алоқаи наҳвӣ ва тақвияти роҳҳою усулҳои таълими мавзӯъ мусоидат менамояд.

**Моҳияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва маводҳои он метавонанд ҳангоми таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар, ҳангоми таҳия ва навиштани грамматикаи амалии забонҳои муқоисашаванда ва дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ, ҳангоми ташкили курсҳои амалии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода шаванд.

Аз лиҳози амалӣ диссертатсияи мазкур барои дарёфти маълумоти мушаххас ҳангоми омӯзиши шаклҳо, маъно ва роҳҳои истифодабарии воситаҳои алоқа дар ибора ва ҷумла ва тақвияти роҳҳою усулҳои таълими мавзӯъ мусоидат менамояд.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талаботи навиштани

диссертатсияҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи мазкур, бешубҳа, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, аз рӯйи мақсад ва муҳтаво ба ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) мувофиқ аст.

Диссертатсияи Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба анҷом расидааст.

Кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ диссертатсияи Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқро кори илмии баанҷомрасидаи мукаммалу мубрам меҳисобад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Фишурдаи диссертатсия ва 5 мақолаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант панҷтои он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР интишор гардидаанд:

1. Маҳмадсолеҳи, М. Таҳлили муқоисавии пайвандакҳои тобеъкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / М.Маҳмадсолеҳ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши «Забоншиносӣ». – 2019. – №3 (80).
2. Маҳмадсолехи, М. Ҷойгоҳи алоқаи пешояндӣ (Prepositional connection) дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / М.Маҳмадсолеҳ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши «Забоншиносӣ». – 2019.– №2 (79).– С. 92-94 с.
3. Маҳмадсолеҳи, М. Воситаҳои алоқаи синтаксисӣ дар ибораҳои объектии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / М.Маҳмадсолеҳ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши «Забоншиносӣ».– 2018.–№2 (74).– С. 75-79.
4. Маҳмадсолеҳи, М. Валентнокии феълҳои объэктивӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ /М.Маҳмадсолеҳ// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши «Забоншиносӣ». – 2018.– №1 (73).– С.124-130.

5. Маҳмадсолеҳи, М. Нақши пасвандҳо дар калимасозии феъи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / М. Маҳмадсолеҳ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши «Забоншиносӣ». - 2017. - №4 (71). - С. 95-99.

Бинобар ин, диссертатсияи мазкурро ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) барои дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 16 нафар: Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -16 нафар, «зид»-нест, «бетараф»-нест. Қарори №2 аз 10.06.2019.

Раиси ҷаласа, доктори илмҳои филология, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Қосимов Олимҷон Ҳабибович

Котиби ҷаласа, саромӯзгор — Ҷӯраев Хайём Акрамович

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
**Сомона:** www.tgpu.ti
**Почтаи электронӣ:** E-mail: info@tgpu.ti

Имзои О. Қосимов ва Х.Ҷӯраевро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Назаров Давлатхон Қурбонмуродович

10.06.2019.